# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10- Рӯзномнигорӣ**

12 .08. 2020 ш. Душанбе

Публитсистикаи тоҷик ҳамчун соҳаи мустақили эҷод дар таҷассуми паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, тарбияи маънавию ахлоқии мардум, таҳкими дӯстиву бародарии халқияту миллатҳо, густариши робитаи давлатҳо, истеҳкоми раванди корҳои созандагиву бунёдкорӣ, пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами ҷомеа ва амсоли он нақши муҳим дорад.

Рисолаи Салимзода Маҷид Одина «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» ба масъалаи муайян намудани вижагиҳои осори адабиву публитсистии ин адиб, ошкор намудани ҳусну қубҳи он, нишон додани сабақҳои касбӣ, ҷуръати нигорандагӣ ва маҳорати эҷодии ин публитсистоташинсухан бахшида шудааст.

Мавриди қайд аст, ки оид ба публитсистикаи Тоҷӣ Усмон то ба имрӯз чӣ дар адабиётшиносӣ ва чӣ дар публитсистикашиносии тоҷик таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ ба анҷом нарасида, хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи ӯ бошад, бо вуҷуди муҳиммият доштан, яке аз мавзӯъҳои камомӯхта дар илми журналистикаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Бинобар ин мавзӯи барои пажӯҳиш интихобнамудаи Салимзода Маҷид Одина «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» таҳқиқоти муҳим, аҳамиятнок ва саривақтӣ мебошад.

Унвонҷӯ бо такя ба адабиёти илмиву назарӣ, ҳам дар доираи илми журналистикаи рус ва ҳам тоҷик, вобаста ба хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон хулоса, андеша ва таҳлилҳои

дурусти илмиву амалӣ баровардa, зери роҳбарии доктори илмҳои филология, профессор Муродов Мурод Бердиевич пажӯҳиши мукаммалеро анҷом додааст.

Арзиши назариву амалии диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои аз он ба дастомада то андозае ҷанбаҳои назарии илми публитсистикшиносиро пур карда, нақши Тоҷӣ Усмонро ҳамчун намунаи муҳимми тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли наврас нишон медиҳад, мақому манзалати ӯро дар ҷомеа ва муҳити эҷодии замонааш муайян менамояд. Бояд тазаккур дод, ки диссертатсияи мазкур минбаъд метавонад ба ҳайси сарчашмаи асосноки муътамади илмӣ дар ташкил ва гузаронидани курсу семинарҳои махсус, таълифи китобҳои дарсии соҳавӣ, дастурҳои таълимӣ ва машғулиятҳои амалии марбут ба эҷоди публитсистӣ мавриди истифода қарор бигирад.

Бешубҳа, хулосаҳои илмии диссертатсия, ки аз таҳқиқи осори публитсистӣ ва маҳорати эҷодии Тоҷӣ Усмон шаҳодат медиҳанд, барои пешравии фаъолияти амалии публитсистика аҳаммияти хоса доранд.

Диссертатсия аз муқаддима се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёту манбаъ таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи кор моҳияти мавзӯъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ карда шуда, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва навгонии он муайяну мушаххас гардидааст. Ҳамчунин дар он асосҳои назарӣ ва методии таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия шарҳ ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия «Ҳаёт ва эҷодиёти Тоҷӣ Усмон дар контексти муҳити иҷтимоию адабии замон” унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб муҳити оилавӣ, таҳсил, ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ва эҷодии Тоҷӣ Усмон бо фаро гирифтани фаъолияти рӯзноманигориву публитсистӣ ва пажӯҳишиву муҳаққиқии ӯ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Фасли аввали ин боб «Нақши омилҳои замон ва муҳити иҷтимоӣ дар ташаккули шахсияти эҷодии публитсист» ном дорад. Дар ин фасл

дар такя ба адабиёти илмӣ, маълумотҳои донишномаӣ ва маводи бойгонии шахсии адиб доир ба зиндагиномаи Тоҷӣ Усмон маълумоти муфассал ироа гардида, таъсири муҳит ба ташаккули шахсияти иҷтимоиву эҷодии публитсист, нақши ӯ дар пешбурди кори матбуоти даврӣ ва инкишофи публитсистикаи нимаи аввали садаи XX нишон дода шудааст.

Дар фасли дуюми ин боб – «Хусусиятҳои умумии осори адабиву публитсистӣ» фаъолияти адабӣ ва илмию публитсистии Тоҷӣ Усмон ба таври мухтасар баррасӣ гардидааст.

Фаъолияти эҷодии Тоҷӣ Усмон доманадор буда, самтҳои журналистика, публитсистика ва адабиётро фаро мегирад. Ӯ дар ҳамаи жанрҳои адабӣ қувва озмуда, асарҳои ҷолиби диққате офаридааст, ки барои насли имрӯз ва оянда бе манфиат нест. Бахусус, публитсистикаи ҳаҷвии ӯ на танҳо дар замони муаллиф, балки имрӯз низ қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Мавқеи очерк дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» номгузорӣ шуда, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли аввали ин боб дарку маърифати воқеаҳои иҷтимоии замон ва инъикоси онҳо дар очеркҳои публитсист мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқ бо овардани маводи мӯътамад муайян намудааст, ки очерк дар публитсистикаи Т. Усмон мавқеи намоён дорад. Ағлаби публитсистикаи ин адиб дар қолаби ин жанр иншо гардидааст. Ӯ дар тӯли фаъолияти эҷодии худ зиёда аз 30 очерк навиштааст, ки аксарияти онҳо дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд. Мавзӯоти асосии очеркҳои Тоҷӣ Усмонро обшор кардани заминҳои нав, маҳви бесаводӣ, муборизаи ҳаёти нав бо кӯҳна, рӯйдодҳои инқилобӣ ва фаъолияти ашхоси кору пайкор дар иртибот бо воқеоти солҳои аввали сохтмони сохти шӯравӣ ва замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳанд.

Дар фасли дуюми ин боб «Тасвири чеҳраҳои адабиёт» муҳити адабӣ ва ҳаёти эҷодии адибони тоҷик дар шинохти Т. Усмон ва инъикоси онҳо дар очеркҳои илмиву публитсистии ӯ ба баррасӣ кашида шудааст. Мутолиа диссертатсия нишон медиҳад, ки дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмон мавзӯи тақдири занон, бавижа занони суханвар, эҷодкор, ҷалби занону бонувон ба мактабу маориф нисбатан бартарӣ доранд. Образу симои чунин занон дар осори мустанади ӯ чун «Айса», «Ҳафиза», «Насими бахт», «Чилдухтарон» ва ғайра хеле табиӣ ва бовари бахш тасвир ёфтааст.

Боби сеюми рисола «Вижагиҳои публитсистикаи ҳаҷвии Тоҷӣ Усмон» номгузорӣ шудаст. Ин боб низ аз ду фасл – «Танқид ва мазаммати хислатҳои бади ашхоси алоҳида ва норасоиҳои иҷтимоӣ дар осори ҳаҷвӣ» ва «Аносири жанрӣ ва услуби ҳаҷвияҳои Тоҷӣ Усмон» таркиб ёфтааст. Мавзӯи баҳси ин бобро дар маҷмӯъ публитсистикаи ҳаҷвии Т. Усмон ва вижагиҳои мавзӯиву жанрии он ташкил медиҳад.

Аз таҳлилу баррасиҳои муҳаққиқ бармеояд, ки дар фаъолияти эҷодии Т. Усмон публитсистикаи ҳаҷвӣ низ мавқеи муҳим доштааст. Ин ҷанбаи публитсистии Тоҷӣ Усмон, махсусан дар давраи фаъолияти ӯ дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» рушт ёфтааст. Ӯ тӯли фаъолият дар ин маҷалла на танҳо ба эҷоди фелетон, памфлет, пародия ва эпиграмма барин жанрҳои публитситӣ даст задааст, балки ба мақсади вусъати дониши касбӣ ва таҳкими маҳорати эҷодӣ ба гирдоварии намунаҳои осори ҳаҷвии намояндагон адабиёти классикӣ ва пажӯҳиши ҳаҷви матбуоти даврӣ ниш машғул шудааст.

Дар фасли дуюми ин боб – «Аносири жанрӣ ва услуби ҳаҷвияҳои Тоҷӣ Усмон» ҷанбаҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ амиқ таҳлилу баррасӣ гардида, таносуби истифодаи аносири ҳунарӣ чун зарбулмасалу мақол, кинояву пичинг, лутфу танз муайян карда шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқро ҷамъбаст намуда, дар асоси баррасиҳои хулосавӣ тавсияву маслиҳатҳои муфид ироа медорад.

Умуман диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар асоси меъёрҳои пажӯҳиши илмӣ таълиф гардида, дорои услуби хоси таҳия ва корбурди бамавриди иқтибосҳо мебошад. Бобу фаслҳо ба ҳам алоқаи мантиқӣ дошта, ҳамдигарро пурра мегардонанд, хулоса натиҷаҳои таҳқиқро мухтасаран фаро гирифтааст, рӯйхати адабиёт ба мазмуни кор мувофиқ буда, ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки ба гумони инҷониб ислоҳи он ба салоҳи кор аст:

1. Дар рисола ҳангоми баррасии шакл ва мундариҷаи маводҳои публитсистӣ иқтибосҳое, ки характери амалӣ доранд камтар ба назар мерасанд.

2. Бисёр хуб аст, ки унвонҷӯ дар музокираи мавзӯъ ва масъалагузориҳо фаъол аст, назарашро тақвият мебахшад, мавқеи худро нигоҳ медорад, аммо на ҳамеша мубоҳисаҳои ӯ хислати илмӣ пайдо мекунанд.

3. Ҳангоми баррасии мавзӯъ пажуҳишҳои баъзе олимони тоҷик оид ба публитсистика аз мадди назари муаллиф дур мондаанд, ки истифодаашон ба манфиати кор буд.

4. Дар матни рисола қисман оҳанги публисистӣ ба назар мерасад.

Дар маҷмӯъ ин камбудиҳо арзиш диссертатсияро паст карда наметавонанд, он пажӯҳиши амиқу аниқи илмӣ буда, дорои арзиши баланд аст.

Автореферат бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ба мазмун ва мундариҷаи рисола мувофиқат менамояд. 7 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 3-тоаш дар маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КАО ҶТ мебошанд, дар маҷмӯъ муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд.

Диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» таҳқиқоти

мукаммали илмӣ маҳсуб ёфта, муаллифи он аз рӯйи ихтисоси 10.01.10– Рӯзноманигорӣ арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ________________ Муллоев Шариф Боқиевич

Маълумот барои иртибот:
Муллоев Шариф Боқиевич
Доктори илмҳои филология (ДДН№026926 от 18.05.2013г.)
Аттестати дотсентӣ ДЦ №028238 приказ МОН РФ №1183/554 от 19.05.2010 г.)
Ҷойи кор: Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

Вазифа: мудири кафедраи ВАО-и чопӣва PR
Нишонии ташкилот: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода-30
Нишонии саҳифаи махсус: http://www.rtsu.tj
Тел. Раб: (+992-44) 620-42-06
Тел. моб. (+992-93) 500-57-50
Email:mulloev_sharif@mail.ru

Имзои д.и.ф., профессор Муллоев Шариф Боқиевичро тасдиқ мекунам.
Сардори идораи кадр ва қисми махсуси Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ________________

Подпись заверяю
Начальник ОК РТСУ
Алиев А.Д.